# ХУЛОСАИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 18 декабри соли 2025, № 23**

**Барои сазовор донистани Азамзода Акмал Азам**, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзӯи «Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 02 октябри соли 2025, (протоколи №20) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3, толори Шурои диссертатсионии Академияи ВКД ҶТ; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, № 407шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Азамзода Акмал Азам 21 марти соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2010 Литсей-интернати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе-ро хатм намуда, ҳамон сол ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2015 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Номбурда аз соли 2015 дар вазифаҳои гуногуни мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз 15 сентябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Рӯдакӣ адои хизмати давлатӣ менамояд.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2025, таҳти № 1, мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судии» Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

– **Самиев Назар Мурадович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Ҳамроев Ш. С. – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Назарзода Р. Г. ва котиби ҷаласа, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Холзода А., имзо шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И. Р., санаи 05 ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд мегардад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76–79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳову тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд ва мазмуну моҳияти диссертатсияро фаро мегиранд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Азамзода, А.А. Общие положения технико-криминалистического обеспечения органов прокуратуры [Текст] / А.А. Азамзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественниых наук. – 2023. – №10. – Часть II. – С. 246-254; ISSN 2413-5151.

[2-М]. Азамзода, А.А. Использование прокурором криминалистических знаний при осуществлении надзора за законностью процессуальной деятельности органов предварительного расследования [Текст] / А.А. Азамзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественниых наук. – 2024. – №3. – С. 211-219; ISSN 2413-5151.

[3-М]. Назаров, А.К. Азамзода А.А. Технико-криминалистическое обеспечение расследование преступлений по горячим следам [Текст] / А.К. Назаров, А.А. Азамзода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Серия гуманитарных и экономических наук. – Том 2. – 2024. – №2 (40). – Часть II. – С. 96-102; ISSN 2709-6244.

[4-М]. Азамзода, А.А. Аҳаммияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо [Матн] / А.А. Азамзода // Осори Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2025. – №2 (66).–139-145; ISSN 2412-141X.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[5-М]. Азамзода, А.А. Проблемы защиты прав и свобод личностсти при применении технических средств в процессе расследования уголовных дел [Текст] / А.А. Азамзода // VI Международная научно-теоретическая конференция прав человека и глобализатция (Материалы конференции, посвященной дню прав человека). – Душанбе, 2024. – С. 52-55.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қаҳоров Н. М.** – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Абдуллозода П. С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Қодирзода Д. С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эрод ва тавсияҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: зарурати таҳқиқи мустақими технологияҳои истифодаи техникаи муосири криминалистикӣ бо мақсади тафтиши киберҷиноятҳо; нишон додани мисолҳои равшан аз амалияи истифодаи техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура; инчунин, ба таври кофӣ баррасӣ гардидани масъалаҳои этикӣ, ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиёни раванд ва таҳдидҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ дар раванди истифодаи воситаҳои техникию технологии муосир, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба дастрасӣ ба маълумоти шахсӣ ва амнияти электронӣ.

Дар маҷмӯъ, эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо бо масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**
**коркард карда шуд:** воситаҳои илмӣ-техникии криминалистикӣ:1) воситаҳои ошкор намудани изҳои ҷиноят ва ашё-далелҳои шайъӣ; 2) воситаҳои бақайдгирии изҳо ва иттилооти аз ҷиҳати судӣ аҳаммиятнок, ки дар рафти амали тафтишӣ ба даст оварда шудаанд; 3) воситаҳои таъмин намудан ва гирифтани осорҳо ва далелҳои шайъӣ; 4) воситаҳое, ки барои таҳқиқи экспертизаи объектҳои аз ҷиҳати судӣ аҳаммиятнок истифода мешаванд; 5) маҷмӯи воситаҳое, ки барои ҷустуҷӯи шахсони ҷиноятсодиркарда ва кофтукови молу мулки тасарруфшуда истифода мешаванд; 6) воситаҳои техникӣ барои пешбурди ҳаракати муфаттишон; 7) воситаҳои таъмини амнияти шахсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; 8) воситаҳо барои пешгирии ҷиноят ва дастгир кардани ҷинояткор; **пешниҳод шудааст:** муносибатҳои мутақобилаи муфаттиш ва коршиносони муассисаҳои

экспертӣ-криминалистикӣ принсипи бунёдие мебошанд, ки моҳияти он дар маҷмӯи фаъолиятҳои мутақобила зоҳир мешавад, ки аз як тараф натиҷаи мусбиро дар раванди исбот дар парвандаи тафтишшаванда таъмин менамояд ва аз тарафи дигар поймолкунии ҳуқуқи иштирокчиёни мушаххасро истисно мекунад. Риояи қатъии қонун на танҳо ба иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои байни муфаттиш ва коршиносони муассисаҳои экспертиро танзим мекунанд, балки инчунин ба амалишавии санадҳои ҳуқуқии идорӣ, ки бо қонун мувофиқанд ва танзими фаъолияти сохторҳои гуногуни мақомоти прокуратураро, ки истифодаи донишҳо, воситаҳо ва усулҳои махсусро пешбинӣ мекунанд, дахл дорад.

**исбот шудааст:** воситаҳои илмӣ-техникии криминалистикиро мумкин аст ҳамчун як қисмати илми криминалистика пазирой намуд, ки онҳо аз маҷмӯи дастгоҳҳо иборат буда, барои тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят мусоидат менамоянд. Ба мафҳуми воситаҳои илмӣ-техникии криминалистикӣ ғайр аз асбобҳо, таҷҳизот ва маводҳои махсус, инчунин усулҳо, тарзҳои истифода ва тартиби кори онҳо дохил мешаванд;

**ҷорӣ намудани:** фаъолияти ҳамоҳангшудаи муфаттиш бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо муайян кардани нақши ҳар кадоми онҳо дар сурати иштироки якҷоя дар пешбурдҳои амалҳои тафтишӣ. Аксари масъалаҳои вобаста ба тақсимоти ташкилии ухдадориҳо байни иштирокчиёни мурофиаро муфаттиш ҳал мекунад. Нақши муфаттиш аз он иборат аст, ки вай ба амали иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ роҳнамой мекунад ва худаш ҳамчун ташкилкунанда баромад мекунад. Маҳз ӯ масъул аст, ки муносибати мутақобиларо тавре ташкил кунад, ки он самараноктар бошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** ақидаҳо ва тавсияҳои назариявӣ, ки дар рисола асоснок шудаанд, метавонанд ба таҳияи тактика ва усулҳои тафтишоти ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла ба вуҷуд овардани усулҳои махсуси криминалистӣ бо назардошти технологияҳои муосир мусоидат кунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии криминалистика, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи истифодаи техникаи криминалистӣ инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд:

**баён шудани** – зеҳни сунъӣ самаранокии тафтишоти ҷиноятҳоро тавассути таҳлили миқдори зиёди маълумот, муайян кардани намунаҳо ва пешгӯии амалҳои эҳтимолии гумонбаршудагон ба таври назаррас беҳтар мекунад. Автоматикунонии вазифаҳои тафтишӣ ба муфаттишон имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои мураккабтари парвандаро пешгӯӣ кунанд. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди тафтиши ҷиноят риояи масъалаҳои ахлоқӣ, махфият ва беғаразиро тақозо мекунад;

**ошкор гардидани** – истифодаи зеҳни сунъӣ дар ҷараёни амали тафтишӣ ва таҳлили иттилоот як воситаи хеле муассир аст. Зеҳни сунъӣ метавонад ба таҳлил ва ҷустуҷӯи иттилоот дар базаҳои маълумот, фароҳам овардани алгоритмҳои мурофиавӣ барои фаъолиятҳои муфаттиш, шиносоии нутқ ва дигар коркардҳои маълумотии муосир кӯмак расонад. Омӯхта шуданд паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин маҷмӯи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид ба масъалаҳои мубрами криминалистикӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқшаванда марбутанд;

**аз нав такмил додани ҳ**амкории самарабахши муфаттиш ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амалияи татбиқи ҳуқуқ буда, дар ниҳояти кор ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин, таҳкими эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар маҷмуъ ба низоми судӣ, мусоидат мекунад. Бо назардошти ин пешниҳод кардан зарур аст, ки дар КМҶ ҶТ меъёри махсус оид ба ҳамкории муфаттиш бо муассисаҳои экспертӣ-судӣ ворид карда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он барои амалияи тафтишӣ муфид буда, фаъолияти онҳо дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ бо назардошти захираҳои муосири техникӣ ва криминалистӣ беҳтар мегардад. Хулоса ва тавсияҳои рисоларо метавон дар раванди таълим дар соҳаи фанни криминалистика истифода бурд;

**муайян карда шуданд, ки** дар марҳилаи ибтидоии рушди илми криминалистика тамоми мазмуну моҳияти он ба мафҳуми техникаи криминалистикӣ дохил карда шуда буд ва ё ин ки дар маҷмуъ илми криминалистика ҳамчун илми техникӣ-ёрирасон ба раванди тафтиши ҷиноят ба ҳисоб мерафт. Баъдтар, ин истилоҳ роҳҳои истифодаи илмҳои табиатшиносӣ, аз қабили химия, физика, биологияро дар тафтиши ҷиноятҳо ифода мекард;

**коркард карда шуд:** пурсиши ҷабрдида ё шоҳид метавонад бо истифода аз воситаҳои илмию техникӣ дар шакли алоқаи видеоӣ, дар сурате амали карда мешавад, ки даъвати онҳо ба мақомоти тафтишии маҳалли пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад. Ҳангоми пурсишҳои фосилавӣ

муфаттиш шаҳодати шахси пурсишшавандаро тавассути пахши мустақим бевосита қабул мекунанд;

**муаррифӣ карда шуд:** асоси ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишон дар марҳилаи рушди он қарор дорад. Ин технология ба соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ворид шуда, масъалаи қобили қабул будани истифодаи онро дар амали тафтишӣ ба миён меорад. Истифодаи шабакаҳои нейронӣ дар тафтишоти ҷиноятҳо метавонад самаранокии кори муфаттишони прокуратураро ба таври назаррас баланд бардорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажуҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти истифодаи техникаи криминалистикӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд;

**барои корҳои таҷрибавӣ:** экспертизаи криминалистӣ дар раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили далелҳо ҳамчун як ҷузъи муҳим ва асосӣ амал мекунад. Гузаронидани чунин намуди экспертизаҳо, ба монанди биологӣ, химиявӣ, баллистикӣ, графологӣ ва дигар намудҳои таҳқиқот, барои муайян кардани хосиятҳо ва хусусиятҳои далелҳои ҷиноятӣ аҳаммияти калон дорад;

**ғоя асоснок шудааст, ки** таъминоти техникӣ криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура, аз як тараф категорияи назариявӣ мебошад, ки аз маҷмӯи донишҳо дар бораи воситаҳои техникӣ, усулҳо ва усулҳои истифодаи онҳо, инчунин, фаъолият оид ба истифодаи дониши махсус оид ба тафтиш, ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо, аз тарафи дигар, маҷмуи амалишавандаи дониш, малака ва аз ҷиҳати илман собитшуда ва тасдиқгардидаи илмӣ–криминалистикӣ мебошад;

**муайян шудаанд:** таъминоти техникии криминалистикии фаъолияти муфаттишонро дар тафтишоти ҷиноятҳо дар ду ҷанба баррасӣ мекунад: якум қисмати назариявӣ, ҷанбаи дуюми таъминоти техники криминалистикии фаъолияти муфаттишон аҳаммияти амалӣ дорад;

**истифода шуданд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 130 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуданд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 18 декабри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Азамзода Акмал Азам дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 8 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзоёни Шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Сафарзода Ҳ.С.**

**18 декабри соли 2025**